*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 143 (4563) | СЕШАНБЕ, 15 НОЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД



**13-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади иштирок дар тантанаҳои ҷашни 30-юмин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифтитоҳи як қатор иншооти соҳаҳои гуногун ва суҳбату мулоқот бо сокинон бо сафари корӣ ба вилояти Суғд ташриф оварданд**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва дигар масъулон гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба шаҳри Бӯстон ташриф оварда, обанбори шабакаи оби нӯшокиро бо ғунҷоиши 1000 метри мукааб барои таъмини беш аз панҷ ҳазор нафар аҳолии шаҳри Бӯстон мавриди истифода қарор доданд.**

Тавре ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, сохтмони иншооти оби нӯшокӣ марҳилаи навбатии татбиқи созишномаи сеҷонибаи Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Бонки аврупоии таҷдид ва рушд ва «Лоиҳаи барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунии шаҳрҳои шимоли Тоҷикистон» маҳсуб меёбад, ки бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ ба маблағи 18 миллиону 964 ҳазор доллари амрикоӣ амалӣ шудааст. Аз маблағи умумии лоиҳа 2 миллиону 885 ҳазор доллар ба барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунии шаҳри Бӯстон равона гардидааст.

Иншооти оби нӯшокӣ таъмини оби босифатро ба аҳолии маҳаллаи «Наврӯз» дар 20 хонаи баландошёнаи истиқоматӣ, 500 қитъаи нави наздиҳавлигӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ ва кору хизматрасонии шаҳри Бӯстонро беҳтар менамояд.

Дар асоси лоиҳа иншоот аз ду ҳавзи об бо ғунҷоиши ҳар яке 500 метри мукааб, хати оби нӯшокӣ ба масофаи нуҳ километр бо васлу насби қубурҳои полиэтилении қутрашон аз 20 то 200 - миллиметра, се насоси обкашӣ, хати барқи озод ба масофаи се километр иборат мебошад. Оби нӯшокӣ ба иншооти нави обрасонӣ аз обанбори асосии шаҳри Бӯстон тавассути хати оби нӯшокии қубурҳои қутрашон 600 - миллиметра ба масофаи ду километр интиқол дода мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба сифати корҳои анҷомшуда дар шабакаҳои обтаъминкунии шаҳри Бӯстони вилояти Суғд баҳои баланд доданд.

Татбиқи лоиҳаи «Барқарорсозии системаи обтаъминкунии шаҳрҳои шимоли Тоҷикистон» аз моҳи марти соли 2014 оғоз шуда, шаш шаҳру ноҳияи вилояти Суғдро дар бар мегирад. То ба ҳол дар асоси ин лоиҳа дар шаҳрҳои Бӯстон, Гулистон, Истиқлол, Исфара, Конибодом ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҳаҷми асосии корҳо иҷро ва ба беҳтар гардидани таъмини оби нӯшокӣ мусоидат намудааст.

Татбиқи лоиҳаи обтаъминкунӣ дар вилояти Суғд дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳалли мушкилоти марбут ба норасоии об муҳиму саривақтӣ арзёбӣ гардид.

Таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ масъалаи муҳими иҷтимоӣ ва омили асосии саломатии миллат мебошад. Бунёду навсозии инфрасохтори оби нӯшокӣ дар маркази таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат буда, дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ин соҳаи муҳими иҷтимоӣ тадбирҳои калонҳаҷм амалӣ гардиданд.

Ҳоло дар шаҳру ноҳияҳои кишвар дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд татбиқи 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар самти обтаъминкунии аҳолӣ бо равона кардани 2,4 миллиард сомонӣ ҷараён дорад.

Бо дастуру супориши Сарвари давлат дар доираи нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор», солҳои 2018 – 2028 тасмим гирифта шудааст, ки дар ҳар як соли даҳсола ба баррасии ҳамаҷониба, ҳалли тадриҷии мушкилоти марбут ба об ва иҷрои нақшаю лоиҳаҳои бунёду барқарорсозии хатҳои оби нӯшокӣ бахшида шавад.



**Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, ба ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ташриф оварда, нахуст корхонаи истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорвои Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Анко-Инвест»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Корхона дар шаҳраки Ғафурови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз тарафи соҳибкори ватанӣ Илҳом Рабиев бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва дар доираи «Солҳои рушди саноат», солҳои 2022-2026 бунёд шудааст.

Масоҳати умумии корхона се ҳазор метри мураббаъро ташкил дода, аз хатҳои истеҳсолӣ, анбори нигоҳдории ашёи хом, анбори маҳсулоти тайёр ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон иборат мебошад. Бинои корхона аз ҳашт ошёна иборат буда, бо истифода аз конструксияи металлӣ аз ҷониби мутахассисони маҳаллӣ бунёд шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2 - 3)**

## НОМАИ ҲАМДАРДӢ



**14-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Туркия муҳтарам Реҷеп Тайип Эрдоган номаи ҳамдардӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Хабари ба ҳалокат расидан ва ҷароҳат бардоштани теъдоди зиёди мардум бар асари таркиш дар хиёбони Истиқлоли шаҳри Истанбул боиси андуҳи амиқи мо гардид.

Таъзия ва тасаллияти самимии ин ҷонибро ба Шумо, мардуми дӯсти Туркия ва аҳли пайвандону наздикони қурбониёни ин амали террористӣ иброз намуда, барои ҳамаи осебдидагон шифои комил хоҳонам».

**www.president.tj**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**14-уми ноябри соли 2022 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар оғоз масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба мубодила ва ҳифзи мутақобилаи иттилооти махфӣ» мавриди таҳлил қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия ва оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот барои баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд

Сипас, масъалаҳо «Дар хусуси Созишнома оид ба таъминоти муштараки моддиву техникӣ ва тиббии Қӯшунҳои (Қувваҳои дастаҷамъонаи) Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ», «Дар хусуси Созишнома оид ба масъалаҳои тобеияти ҳуқуқӣ ва расонидани кумаки ҳуқуқӣ ба парвандаҳои марбут ба будубоши муваққатии ҷузъу томҳои қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъӣ дар ҳудуди давлатҳои аъзои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ», «Дар хусуси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати инвеститсионию истеҳсолии «Ориён Инвест» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли семент дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон» ва «Дар хусуси Протокол дар бораи ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба фаъолияти сулҳоваронаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 6-уми октябри соли 2007» барои пешниҳоди хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои дахлдор ирсол шуданд.

Ҳамчунин, Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сафари вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ба вилояти Суғд», «Дар бораи доир намудани муҳокимаи парламентӣ «Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022» дар 9 моҳи соли 2022», «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**«Садои мардум»**

## НАҶОТБАХШУ САРПАРАСТИ ВОҚЕИИ МИЛЛАТ

**Чордаҳуми ноябри соли равон таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бахшида ба Рӯзи Президент дар мавзӯи «Садоқат ба Президент садоқат ба миллат аст» ҳамоиш баргузор гардид.**



Зимни ифтитоҳи он Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода иброз намуд, ки дар таърихи ҳар миллат рӯйдодҳое ба вуқӯъ мепайванданд, ки дар сарнавишти минбаъдаи он нақши ҳалкунанда мебозанд. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳз аз зумраи ҳамин гуна рӯйдодҳои таърихии сарнавиштсоз мебошад. Дар ин раванд, албатта, мақому мавқеи шахсиятҳои барҷаста, ки бо зарфиятҳои бузурги тафаккуру заковат, фаросату ҷасорати сиёсӣ ва аъмоли нек ба сарнавишт ваояндаи дурахшони миллат ё давлат таъсири амиқ мегузоранд, нақши бориз дорад. Хушбахтона, дар иҷлосияи мазкур бо интихоби Раиси Шӯрои Олӣ ҳамин гуна як шахсияти воқеан соҳибватану сазовор, далеру шуҷоъ ва абармарди нотакрор муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи сиёсати бузург қадамҳои муборaку устувор гузоштанд, ки таҳкими аркони давлатдорӣ, гузоштани асосҳои сулҳу ваҳдат, таъмини волоияти қонун, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва дар маҷмӯъ, рушди босуботи давлатдории навини тоҷикон бо фаъолияти созандаи ин фарзанди фарзонаи миллат робитаи ногусастанӣ дорад.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ изҳор намуд, ки то замони иҷлосияи таърихӣ яке аз фаъолтарин вакилон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешуданд ва дар такя намудан бо далелу асноди ҷолиб барои пешрафти кишвар пешниҳодҳои ҳадафмандона мекарданд.

Паёми нахустини Сарвари давлат аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд садо дод: «Ман кори худро аз сулҳ оғоз хоҳам кард…» шуълае дар дили мардуми азиятдида барафрохт.

Суханони самимӣ ва пурэҳсос, даъват ба ҳамдилӣ, ҳамраъйӣ ва дилсӯзиву ҷонфидоии Пешвои миллат дар рӯзҳои нахустини иҷлосия ба рӯҳи мардум тавон ва дар дили вакилон умеду бовариро ба фардои нек эҳё намуд. Аз ҳар баромадашон дар ҷаласаҳо эҳсос мешуд, ки бештар аз дигарон барои ин миллату халқ месӯзанд.

Дилрабо Мансурӣ панҷ амали таърихии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мисол овард, ки ба бунёди давлати муосири тоҷикон асос гузошт. Ин, пеш аз ҳама, таъсиси ҳокимияти давлатӣ, ташкили низоми дурусти идораи давлатӣ, таъсиси мақомоти марказӣ ва маҳаллии низоми идора, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҳимоякунандаи шаҳрвандон ва таҳияи низоми судӣ мебошад.

- Аз панҷ гурӯҳи асноди меъёрии ҳуқуқие, ки Шӯрои Олӣ қабул кард, ду гурӯҳи аввал ба барқарорсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, сеюм барои хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ, чорум барои ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва гурӯҳи панҷум ба самти муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шуданд, - иброз намуд ӯ.

Номбурда зикр кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ пас аз касби истиқлолияти давлатӣ роҳи эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифт. Дар ин самт нақши мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бениҳоят бузург мебошад ва дар ташаккули таърихии он саҳми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир аст, зеро дар ташаккули ин мақомоти олӣ Пешвои миллат ҳам тавассути фаъолияти роҳбарияшон ба он ва минбаъд ҳамчун Роҳбари давлат дар симати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши таърихӣ гузоштаанд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

(Идома аз саҳ. 1)

Дар корхона барои чорвои калону майда, паранда, аз қабили мурғу бедона ва моҳӣ, хӯроки омехта истеҳсол карда мешавад. Иқтидори он дар як сол 175 ҳазор тонна маҳсулотро ташкил дода, хӯроки омехта вобаста ба ҳолат ва навъи чорвою паранда дар 12 баста бо тамғаи «Фаровон TEZZ корм» истеҳсол мегардад.

Ашёи хом ба корхона қисман аз дохили мамлакат дастрас шуда, ҳамчунин, аз Ҷумҳурии Қазоқистон, Федератсияи Россия ва давлатҳои Аврупо ворид карда мешавад. Барои нигоҳдории ашёи хом анбор бо ғунҷоиши 10 ҳазор тонна мавҷуд аст.



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардидани чунин корхонаи замонавиро қадами устувор дар роҳи расидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар арзёбӣ карданд.

Дар ҳамон ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намоишгоҳи маҳсулоти корхонаҳои ширкати «Хубҷамъ-Инвест»- ро аз назар гузаронида, бо нақшаҳои ояндаи масъулон шинос шуданд.

Дар намоишгоҳ номгӯи гуногуни орд ва маҳсулоти аз он тайёршаванда, равғани пахта ва офтобпараст, анвои хӯроки омехтаи чорво ва паранда, тухми паранда, инчунин маҳсулоти металлӣ ва сендвичпанелҳо, ки дар корхонаҳои ширкат истеҳсол карда мешаванд, пешниҳод карда шуд.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар оянда масъулон нақша доранд боз як корхонаи парандапарварӣ бунёд намуда, истеҳсоли гӯшти мурғро ба роҳ монанд. Маҳсулот бо тамғаи миллии «Фаровон» ба бозор бароварда мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти соҳибкорони ватанӣ баҳои баланд дода, барои бунёди чунин корхонаҳои истеҳсолӣ, саҳм гузоштан дар баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ва бо ҷои кор таъмин кардани сокинони маҳаллӣ изҳори сипос намуданд.

Масъулони соҳа вазифадор гардиданд, ки дар амалӣ сохтани нақшаҳои корхона ба соҳибкорон кумаки ҳамаҷониба расонанд.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ҳамчунин, корхонаи коркарди шишаи сохтмонии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шишасохтмон»-ро ифтитоҳ карданд.**

Он аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Шуҳрат Нурматов ба хотири истиқболи сазовор аз ҷашни муқаддаси миллӣ - 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар масоҳати зиёда аз се ҳазор метри мураббаъ бунёд шудааст. Дар бунёди корхона конструксияи металлии ширкати ватании «Фаровон» истифода шудааст.

Фаъолияти корхона ба коркарди шиша, яъне буридан, обутобдиҳӣ, суфтакунӣ, мустаҳкамкунӣ, сӯрохкунӣ ва истеҳсоли оина равона шуда, иқтидори истеҳсолӣ дар як сол коркарди 40 ҳазор метри мураббаъ шишаро ташкил медиҳад.

Дар корхона нуҳ дастгоҳи замонавӣ барои коркарди шиша васлу насб гардидааст. Маҳсулоти нимтайёр аз хориҷи кишвар ворид гардида, дар шаш марҳила коркард мешавад, ки барои шишабандии биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, иншооти маъмурӣ, дару тиреза ва ҳаммом лозим меояд. Шишаи дар корхона коркардшуда ба гармию сардӣ ва зарба тобовар буда, бехатарии он ба инсон таъмин карда мешавад.

Оина бошад, бо андоза ва анвои гуногун дар хати алоҳида истеҳсол карда мешавад. Чунин таҷҳизоти замонавӣ ба ҷумҳурӣ бори нахуст ворид гардидааст.

Дар хати истеҳсолӣ шишаи суфтагардида ва обутобёфта дар ҳафт марҳила коркард шуда, аз он бо усули ҷадид оина барои истифодаи рӯзгор истеҳсол карда мешавад. Маҳсулоти корхона ивазкунандаи воридот буда, дар бозори дохилӣ талабгори зиёд дорад.

Дар гӯшаи алоҳида номгӯи гуногуни маҳсулоти тайёри корхонаи мазкур ба намоиш гузошта шуд, ки аз он Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дидан карданд.

**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, инчунин, фабрикаи парандапарвариро, ки аз тарафи соҳибкор Шуҳрат Нурматов бунёд шудааст, ифтитоҳ карда, намоишгоҳи маҳсулоти парандаро аз назар гузарониданд.**

Корхона дар масоҳати 2200 метри мураббаъ бунёд гардида, аз панҷ парваришгоҳ бо ғунҷоиши умумии 40 ҳазор сар паранда иборат мебошад. Ҳоло дар парваришгоҳҳо 18 ҳазор чӯҷаи аз 10 то 12- рӯза нигоҳ дошта мешавад. Чӯҷаи паранда аз корхонаҳои инкубатсионии вилояти Суғд дар якрӯзагӣ оварда шуда, ба муддати 45 рӯз парвариш карда мешавад ва сипас ба забҳхона равона мегардад. Иқтидори истеҳсолии корхонаи парандапарварӣ дар як сол ба 600 тонна гӯшт баробар буда, маҳсулот бо тамғаи «Авҷпар» дар бозори дохилӣ пешниҳоди харидорон карда мешавад.

Корхона бо истифода аз имтиёзи фароҳамовардаи Ҳукумати мамлакат дар самти воридоти таҷҳизот ва таъсиси корхонаи парандапарварӣ бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ ва таъсиси ҷойҳои нави кор бунёд шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкори ватанӣ барои бунёди чунин корхонаҳои замонавӣ, ки омили пешрафти мамлакат ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад, сипосгузорӣ намуда, ҷиҳати бештар кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва таъмини рақобатпазирии он дар бозор дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти ба номи Ҳайдар Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров маркази саломатиро низ мавриди истифода қарор доданд.**

Иншооти нави соҳаи тандурустӣ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ бо тарҳи муосир бунёд гардидааст.

Бинои маркази саломатӣ аз таҳхона ва ду ошёна иборат буда, дорои 34 ҳуҷраи корӣ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Бо таъсис ёфтани маркази саломатӣ 40 нафар мутахассиси соҳа бо ҷои кори доимӣ таъмин гардид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо имкониятҳои фароҳамгардида дар муассисаи нави тиббӣ аз корҳои анҷомёфта изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид карданд, ки бо истифода аз шароити муҳайёшуда кормандони соҳаи тандурустӣ дар самти дастрасии аҳолӣ ба кумаки аввалияи тиббию санитарӣ содиқонаю софдилона фаъолият намоянд.

Дар ошёнаҳои якум ва дуюми бинои маркази саломатӣ нуқтаи бақайдгирӣ, гӯшаи гиёҳдармонӣ, ҳуҷраҳои осебшиносӣ, доругузаронӣ, ҷарроҳӣ, хатна, табобати дандон, духтури занона ва ҳуҷраҳои табибони оилавӣ ҷойгир шудааст.

Дар таҳхонаи бино толори маҷлис бо 60 ҷои нишаст ва ҳуҷраи физиотерапевтӣ бо ду кати хоб мавҷуд мебошад. Маркази саломатӣ бо таҷҳизоти замонавии соҳавӣ, аз ҷумла дастгоҳи рентгении рақамӣ, ултрасадо ва сабти барқии дил ва озмоишгоҳ, муҷаҳҳаз карда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулон дастур доданд, ки дар фаъолияти касбӣ дар баробари истифодаи усулҳои муосири хизматрасониҳои тиббӣ ба бахши гиёҳдармонӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, дар раванди табобати беморон аз гулу гиёҳҳои шифобахши ватанӣ бештар истифода баранд.

**Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти ба номи Ҳайдар Усмонови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бинои маркази хизматрасонии «Шоҳ»-ро низ ба истифода дода, бо 100 нафар ятими кулл мулоқот карданд.**

Бинои хизматрасонӣ хуштарҳу замонавӣ буда, дар таҳхонаи он сардхона барои нигаҳдории 1000 тонна маҳсулоти кишоварзӣ ҷойгир аст. Сардхонаи муосир бо дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз гардида, он чор анбори васеъ дорад, ки барои нигоҳ доштани меваю сабзавот ва полезӣ пешбинӣ шудааст.

Иншооти хизматрасонӣ дар раванди созандагию бунёдкориҳо ба истиқболи сазовори ҷашни 31-солагии Истиқлолияти давлатӣ аз тарафи соҳибкори ватанӣ сохта шуда, барои 15 сокини маҳаллӣ ҷои нави кор таъсис ёфт.

Дар ҳамон ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ятимони кулл, ки бо амри тақдир аз навозиши волидайн бенасиб мондаанд, вохӯрӣ намуда, бо оростани дастархони идона ба онҳо туҳфаҳои арзишманд тақдим карданд. Ятимон бо шодию нишот аз дасти Сарвари мамлакат либоси мактабӣ, пойафзол, шириниҳо ва кумаки молӣ туҳфа гирифтанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо наврасону ҷавонони ятим, ки 46 нафар аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва 54 каси дигар аз шаҳри Гулистони вилояти Суғд мебошанд, суҳбати самимӣ ороста, онҳоро барои таҳсили хубу аъло, касбу ҳунаромӯзӣ, аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла русӣ ва англисӣ ва кор бо технологияи ҳозиразамон ҳидоят карданд.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров гармхонаи замонавии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ММК Агро»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Он аз рӯи стандарти «Евро 6», ки насли муосири гармхонаҳо ба ҳисоб меравад, бунёд гардида, дар он маҳсулоти кишоварзӣ бо сифати баланд парвариш карда мешавад.

Гармхона дар масоҳати панҷ гектар замин бунёд гардида, айни замон дар он навъҳои гуногуни помидор нашъунамои хуб дорад. Парвариши маҳсулоти кишоварзӣ дар гармхона бо усули гидропоникӣ ва органикӣ роҳандозӣ шуда, барои гирифтани ҳосили хуб 13 навъи маҳсулоти ғизоӣ тариқи обёрии қатрагӣ ба рустанӣ расонида мешавад. Дар қисмати гидропоникӣ, ки 2,3 гектари гармхонаро ташкил медиҳад, нигоҳубини тухмиҳо ба таври автоматӣ, бо истифода аз технологияи насли нав амалӣ гашта, муътадилии ҳарорати дохил тариқи системаи буғӣ дар ҳама мавсими сол таъмин мегардад.




Қисмати органикӣ, яъне ба таври маъмулӣ парвариш кардани тухмиҳо, аз ду як ҳиссаи гармхонаро ташкил медиҳад. Дар ин ҷо низ ҳама амалиёти парвариш ва нигоҳубини рустанӣ тариқи автоматӣ ба роҳ монда шуда, муътадилии ҳарорати ҳаво бо усули радиаторӣ, яъне гармии сунъӣ, нигоҳ дошта мешавад. Барои иҷрои ин амал дар қисмати органикии гармхона дастгоҳи гармирасон насб гардидааст.

Айни замон дар гармхонаи «ММК Агро» асосан парвариши помидори навъҳои швейтсарӣ, туркӣ ва фаронсавӣ роҳандозӣ шуда, барои гирифтани ҳосили хуб мувофиқ мебошанд.

Иттилоъ дода шуд, ки аз ҳар гектар замини гармхона аз 150 то 180 тонна помидор ҳосил ба даст оварда мешавад. Дар ин қисмати гармхона асосан маҳсулоти таъиноти содиротидошта парвариш гардида, дар бозори кишварҳои гуногун ба фурӯш бароварда мешавад.

Дар ҳамон ҷо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намоиши маҳсулоти гармхонаҳоро аз назар гузаронида, ба хоҷагидорон барои густариши фаъолият дастуру маслиҳатҳо доданд.

**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, инчунин, ба Муассисаи давлатии «Боғи миллии Ваҳдат» ташриф оварда, сардхонаи наву замонавиро, ки бо ғунҷоиши 1000 тонна маҳсулоти кишоварзӣ бунёд шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Дар сардхона, бо мақсади таъмини бозори дохилӣ дар фаслҳои зимистону баҳор бо маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ сабзӣ, картошка, лаблабуи сурх, анор, ангур, хурмо, олу ва себ захира намудаанд.

Дар сардхона дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ, ки ҳарорати дохили иншоотро мутобиқ ба меъёр нигоҳ дошта, сифати хуби маҳсулотро таъмин менамояд, васлу насб карда шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми боғдорон баҳри бунёди сардхона, пешгирии талафёбии маҳсулот ва таъмини бозор бо меваю сабзавот дар ҳама фасли сол баҳои баланд дода, масъулонро вазифадор карданд, ки бо истифода аз имконияту иқтидорҳои мавҷуда ҳаҷми захираи маҳсулоти кишоварзиро зиёд намоянд.

Сардхона дар доираи дастурҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардида, ин иқдом имкон медиҳад, ки дар ҳама фасли сол бозорҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят бо маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ таъмин шавад. Дар ин баробар, маҳсули дастранҷи деҳқонон дар сардхона захира гардида, дар ҳолати афзоиши талабот, ба дигар кишварҳо низ содирот карда мешавад.

Муассисаи давлатии «Боғи миллии Ваҳдат» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров соли 2008 дар асоси дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсис ёфта, масоҳати умумии боғҳои он 631 гектарро ташкил медиҳад.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, ҳамчунин, намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзиро аз назар гузарониданд.**

Дар он ҷо деҳқонони шаҳру ноҳияҳои вилоят самари меҳнаташонро ба намоиш гузоштанд.

Зимни боздид аз намоишгоҳ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба натиҷаҳои фаъолияти аҳли заҳмат ва дастовардҳои бузурги меҳнатии деҳқонони вилоят баҳои баланд дода, рушди бахши кишоварзиро омили муҳими таъминкунандаи амнияти озуқаворӣ маънидод карданд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар вилояти Суғд зиёда аз 70 ҳазор хоҷагии кишоварзӣ ба парвариши зироат ва истеҳсоли маҳсулот машғул буда, давоми соли равон дар майдони қариб 280 ҳазор гектар замин кишту парвариши зироати гуногунро ба роҳ монданд.

Ба таъкиди Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, танҳо бо меҳнати ҳалолу фидокорона ва истифодаи мақсадноки замин метавон ба татбиқи ҳамаҷонибаи яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат - таъмини амнияти озуқаворӣ комёб шуд ва бо ин роҳ сатҳи зиндагии мардумро беҳтару хубтар намуда, иқтидори содиротии мамлакатро низ тақвият бахшид.

Зимни тамошои намоишгоҳ маълум гардид, ки дар давмои даҳ моҳи соли равон кишоварзони вилоят зиёда аз 376 ҳазор тонна ғалладонагӣ, 496 ҳазор тонна картошка, 537 ҳазор тонна сабзавот, 144 ҳазор тонна полезӣ ва 114 ҳазор тонна мева истеҳсол намуда, ҳамчун таъминкунандаи бозори дохилӣ бо маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми назаррас мегузоранд.

Дар ин давра аз вилояти Суғд ба хориҷи мамлакат зиёда аз 67 ҳазор тонна сабзавот содирот карда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо дастовардҳои кишоварзон ба масъулон ҷиҳати истифодаи боз ҳам мақсадноки обу замин, таъсиси коргоҳу корхонаҳои нави коркард ва бандубасти маҳсулоти кишоварзӣ, гиёҳҳои шифобахш, зиёд намудани майдони гармхонаҳо, бунёди сардхонаҳо, тақвияти иқтидори содиротии вилоят, ҷамъоварии саривақтии ҳосили дар саҳробуда ва афзоиши ҳаҷми захираи маҳсулот дар сардхонаю анборҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**14-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Ғазантарак»-и ноҳияи Деваштич хати оби нӯшокиро мавриди истифода қарор доданд.**

Хати оби нӯшокӣ барои нуҳ ҳазор аҳолӣ пешбинӣ шуда, дар натиҷа 1910 хонавода дар шаш маҳаллаи деҳоти «Ғазантарак» бо оби ошомидании тоза таъмин гардиданд.

Мавриди зикр аст, ки лоиҳаи мазкур бо маблағгузории Ҳукумати мамлакат ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзии «ИФАД» бо харҷи 2 миллиону 860 ҳазор сомонӣ дар муддати як сол амалӣ гардидааст.

Бо кофтани ду чоҳи амудӣ ва хобонидани қубурҳои қутрашон аз 50 то 160 - миллиметра ба дарозии 18 километр оби нӯшокӣ ба аҳолӣ дастрас карда шудааст. Ин иқдоми неки Ҳукумати мамлакат боиси хушнудӣ ва сарфарозии сокинон гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки татбиқи лоиҳа дар деҳа аз тадбирҳои амалии Ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри дастрасии аҳолӣ ба оби нӯшокии тоза мебошад ва аз масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва солимии аҳолӣ маҳсуб меёбад.

Дар назар аст, ки оянда дар деҳоти «Ғазантарак»-и ноҳияи Деваштич боз хати нави таъминоти оби нӯшокӣ ба истифода дода шуда, сокинони минтақаҳои дигари ин деҳот бо оби ошомиданӣ таъмин мегарданд.

Ҳадафи лоиҳа беҳтар кардани инфрасохтори деҳот, дастрасии аҳолӣ ба оби нӯшокии тоза, баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, хариди техникаҳои кишоварзӣ ва ташкили сехҳои коркарди меваву сабзавот мебошад.

Дар доираи лоиҳа сохтани 38 чоҳи амудӣ ба нақша гирифта шуда, то ҳол 22 адади он мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар деҳоти «Ғазантарак»-и ноҳияи Деваштич 22 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Масоҳати заминҳои кишоварзии деҳот 11 ҳазору 200 гектарро дар бар мегирад.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти «Ғазантарак»-и ноҳияи Деваштич, ҳамчунин, Қасри варзишии «Паҳлавонони суғдӣ»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Он дар доираи корҳои созандагиву бунёдкорӣ ба ифтихори 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо харҷи 3 миллион сомонӣ бунёд гардидааст.

Қасри варзишии «Паҳлавонони суғдӣ» бо маблағгузории Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд сохта шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои сохтмонии иншоот баҳои баланд дода, масъулинро вазифадор карданд, ки ҷавонону наврасонро бештар ба варзиш ҷалб намоянд.

Иншооти нави варзишӣ дар масоҳати 885 метри мураббаъ бо назардошти шароити зарурӣ ва мутобиқ ба талаботи варзишиву солимгардонӣ сохта шудааст. Дар қасри варзиш даҳ ҳуҷра, аз ҷумла ҳуҷраҳои либосивазкунӣ, санитарӣ ва корӣ ҷой дода шуда, барои тамошои мусобиқаҳои варзишӣ ба 300 нафар ҷои нишаст муҳайё карда шудааст.




Маврид ба зикр аст, ки Қасри варзишии «Паҳлавонони суғдӣ» асосан барои намудҳои гӯштин, каратэ ва гимнастика пешбинӣ гардида, дар баробари писарон духтарон низ ба машқу тамрин фаро гирифта мешаванд. Бо бунёди ин иншооти замонавӣ анвои гуногуни варзиш дар ноҳияи Деваштич рушд мекунад.

Қасри варзишии «Паҳлавонони суғдӣ» дорои шароити муосир буда, дар баробари муҷаҳҳаз намудани иншоот бо гилеми махсуси варзишӣ, аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 40 нафар варзишгар бо либоси варзишӣ таъмин гардид.

**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Ҳазорчашмаи ноҳияи Деваштич, инчунин, майдони болопӯшидаи варзиширо ифтитоҳ карданд, ки аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Хироҷидддин Сайфиддинов бунёд ёфтааст.**

Майдони варзишии болопӯшида дар масоҳати 800 метри мураббаъ сохта шуда, асосан барои бозии футболи хурд пешбинӣ гардидааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми ватандӯстонаи соҳибкор баҳои баланд дода, зарур шумориданд, ки минбаъд дар деҳоти ноҳияи Деваштич чунин иншооти варзишӣ, аз ҷумла толору майдонҳои варзишӣ, сохта мавриди истифода қарор дода шавад, зеро варзиш яке аз василаҳое мебошад, ки дар баробари солим нигоҳ доштани ҷомеа давлату миллатро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ мекунад.

Ба наврасону ҷавонони варзишдӯст туҳфаҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иборат аз либос ва лавозимоти варзишӣ тақдим гардид. Ҷавонону наврасон ваъда доданд, ки дар оянда вақти холиро дар ин майдони варзишӣ ба бозии футбол ва тарбияи бадан мегузаронанд.

Дар ноҳияи Деваштич як мактаби варзишӣ ва беш аз 110 иншооти варзишӣ амал мекунад, ки дар он 20 нафар мураббӣ 440 нафар наврасону ҷавононро машқу тамрин медиҳанд. Дар ноҳия ба рушди футбол, волейбол, каратэ, намудҳои гӯштин, шашкаву шоҳмот, ушу ва дигар навъҳои варзиш таваҷҷуҳ равона шудааст.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи «Ҳазорчашма»-и ноҳияи Деваштич коргоҳи қолинбофии «Субҳия»-ро низ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Примқул Сатторқулов бунёд шудааст.**



Коргоҳи қолинбофии «Субҳия» дар заминаи таваҷҷуҳ ба рушди ҳунарҳои суннатии мардумӣ, аз ҷумла қолинбофии дастӣ ва дар доираи иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди қолинбофии дастӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ» амалӣ карда шудааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар коргоҳ 11 адад таҷҳизоту дастгоҳи қолинбофӣ аз хориҷи кишвар ворид ва насб карда шуда, барои 20 нафар занону духтарони маҳаллӣ ҷойҳои нави кор фароҳам омадааст.

Яке аз самтҳои фаъолияти маркази ҳунармандӣ ба омӯзиши ҳунари қолинбофии дастӣ фаро гирифтани занону духтарони деҳаҳои Ҳазорчашма, Панҷбоғ, Муҷун ва Истиқлол мебошад. Дар ин деҳаҳо шумораи ҳунармандони халқӣ, аз ҷумла қолинбофон, аз байни занону духтарон зиёд буда, таъсиси коргоҳи қолинбофӣ ба рушди ин ҳунари анъанавӣ ва бахусус бо ҷои кори таъмин намудани занону духтарони деҳа ва даромаднокӣ мусоидат менамояд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба чунин иқдому ташаббуси созандаи соҳибкор дар самти рушди ҳунари дастӣ баҳои баланд дода, фаъолияти ин маркази ҳунармандиро омили муҳими таъмини занону духтарон бо ҷойҳои кор ва даромаднокӣ аз ин ҳисоб арзёбӣ намуданд.

**Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Ҳазорчашмаи ноҳияи Деваштич, ҳамчунин, коргоҳи коркард, бандубасти хуч ва навъҳои пину (қурут)-и ҶДММ «Меваҳои Ҳазорчашма»-ро ба истифода доданд.**

Он бо саҳми соҳибкори ватанӣ Наим Худойбердиев дар заминаи иншооти мавҷуда пурра таҷдиду навсозӣ ва муҷаҳҳаз гардонида шуда, дар масоҳати 432 метри мураббаъ ҷой гирифтааст.

Иқтидори истеҳсолии коргоҳ дар як рӯз то ҳазор дона маҳсулоти коркардшудаи хуч дар зарфҳои шишагӣ мебошад ва иқтидори солонаи он то 36 ҳазор дона маҳсулоти тайёр баробар карда мешавад.

Дар хатту таҷҳизот ҳама талаботи технологии сара кардан, шустан, коркард дар ҳарорати меъёрӣ, резиш, тамғазанӣ, бандубаст иҷро ва ба ин васила маҳсулоти пурра табиӣ истеҳсол мегардад.

Васлу насби маҷмӯи таҷҳизоти технологии коркард, бандубасти меваи хуч - настаран имконияти дар маҳалли истеҳсол наздик ба роҳ мондани коркард ва бандубасти ин меваи табииву шифобахши Тоҷикистон мебошад.

Хуч меваи манфиатбахш буда, кишоварзону соҳибкорон ва аҳолӣ таи солҳои охир ба зиёд кардани майдони боғ - плантатсияҳои хуч ноил шуда истодаанд. Ин ба хоҷагиҳо ва ба аҳолӣ даромад оварда, бо таъсиси чунин корхонаҳои коркард даромади иқтисодӣ якчанд маротиба меафзояд.

Дар хоҷагии деҳқонии «Меваҳои Ҳазорчашма» боғи хуч таъсис дода шуда, ҳосили он пурра дар коргоҳ коркард мегардад.

Ҳамчунин, дар коргоҳ коркард ва бандубасти якчанд номгӯи дигари меваҷоти кӯҳӣ, рустаниву гиёҳҳои шифобахш ба роҳ монда шудааст. Коркарди зирк, чойкаҳак, кокутӣ, барги зуф ва дар маҷмӯъ зиёда аз 10 намуди гиёҳҳо муаррифгари боигариҳои кишвар аст.

Бандубасти пину (қурут) боз як имконияти хуби таъмини бозор бо маҳсулоти табиии чорво мебошад. Дар ҳар як деҳаву маҳали Тоҷикистон аз ширу чорво бо усули анъанавӣ қурут омода карда мешавад. Бандубаст ва бо навъи ҷолиб пешниҳод кардани ин маҳсулот таваҷҷуҳи бештари харидорро ҷалб менамояд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми соҳибкорро дар таъсиси коргоҳи коркарди «Меваҳои Ҳазорчашма» ва ҷойҳои корӣ арзанда арзёбӣ намуда, тавсия доданд, ки чунин корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, меваҷот ва гиёҳу рустаниҳои табиӣ зиёд карда шавад. Ин омили рушди деҳа, мусоидат ба шуғлнокии аҳолӣ ва даромаднокӣ мебошад.

Дар саҳни коргоҳ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маҳсулоти тайёри корхона, номгӯй ва анвои зиёди меваҷот, гиёҳу рустаниҳои шифобахши табиӣ шинос шуданд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Ҳазорчашмаи деҳоти «Муҷун»-и ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 5-ро низ мавриди истифода қарор доданд.**

Он дар масоҳати 2,14 гектар бо маблағгузории Ҳукумати ҷумҳурӣ бунёд шудааст.

Бинои хуштарҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 5-и ноҳияи Деваштич дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардида, дар ду баст 1240 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд. Дар муассиса 60 омӯзгор ба таълиму тарбияи фарзандон машғуланд.

Иттилоъ дода шуд, ки бинои муассисаи таълимӣ аз чор ошёна ва 26 синфхона, ҳамчунин, кабинетҳои фаннию, утоқҳои корӣ иборат мебошад. Дар бинои нави муассисаи таълимӣ китобхона, маҷлисгоҳ, ошхона, синфхонаҳои таълими меҳнат мавҷуд аст.

Барои омӯзиши касбу ҳунар дар мактаб шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Хонандагон дар маҳфилҳои таълими меҳнат барои писарон ва дӯзандагӣ барои духтарон касбу ҳунар меомӯзанд.

Бо мақсади ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба варзишу тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи нав толори замонавии варзишӣ ва синфхонаи шоҳмот бунёду муҷаҳҳаз гардидааст. Хонандагон бо истифода аз ин шароити муосир ба намудҳои гуногуни варзиш, аз ҷумла волейболу баскетбол, шашкаву шоҳмот, тенниси рӯи миз ва ғайра машғул мешаванд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз кабинетҳои фаннӣ ва толори варзишӣ боздид ба амал оварда, бо омӯзгорону хонандагони муассиса суҳбати озоду самимӣ намуданд. Хонандагонро ҳидоят карданд, ки аз шароити мусоиди фароҳамгардида самаранок истифода бурда, дониши амиқ омӯзанд ва мунтазам ба варзишу тарбияи ҷисмонӣ машғул шаванд.

(Давомаш дар саҳ. 3)

(Идома аз саҳ. 1 - 2)

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Ҳазорчашмаи деҳоти «Муҷун»-и ноҳияи Деваштич, инчунин, намоиши навъҳои картошка ва дигар маҳсулоти кишоварзиро аз назар гузарониданд.**

Шуғли асосии сокинони ноҳияи Деваштич кишоварзӣ буда, дар ноҳия 36 ҳазору 556 гектар замини корам мавҷуд аст, ки аз ин 12 ҳазору 448 гектар заминҳои обӣ аст ва дар ин минтақа соҳаи картошкапарварӣ рушд меёбад.

Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва аҳолии ноҳия ҳаҷми истеҳсоли картошка аз ҳисоби зиёд намудани майдони кишт ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ зиёд мешавад. Соли равон дар ноҳияи Деваштич дар 6 ҳазору 494 гектар картошка кишт карда шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 333 гектар зиёд аст. Ҳосилнокии картошка дар хоҷагиҳои деҳқонию аҳолӣ ба ҳисоби миёна аз 350 то 400 сентнериро ташкил дода, картошкапарварони алоҳида ва бисёр хоҷагиҳои деҳқонӣ 650 - 700 сентнерӣ ҳосил гирифтанд.

Натиҷаи заҳмати пурмаҳсули кишоварзон буд, ки соли ҷорӣ хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аҳолӣ дар маҷмӯъ 168 ҳазору 576 тонна картошка истеҳсол намуданд. Картошкаи истеҳсолгардида қисман барои тухмӣ ва боқимонда барои фурӯш дар давраҳои минбаъда захира карда шудааст.

Соли равон кишоварзони ноҳияи Деваштич 35 ҳазору 260 тонна сабзавот, 10 ҳазору 225 тонна маҳсулоти полезӣ, наздик 9 ҳазор тонна мева ва беш аз 1 ҳазору 100 тонна ангур истеҳсол намуданд, ки барои ғанӣ намудани бозори дохилӣ ва таъмини сокинон бо маҳсулоти тару тоза мусоидат менамояд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти хоҷагидорони ноҳияи Деваштич



баҳои баланд дода, таъкид карданд, ки бояд аҳолии ноҳия истифодаи самараноку оқилонаи заминро боз ҳам беҳтар намуда, ҳосили дилхоҳ ба даст оранд ва бахри таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар, содироти маҳсулоти кишоварзӣ саҳми боз ҳам бештар гузоранд.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Ҳазорчашмаи ноҳияи Деваштич, ҳамчунин, Маҷмааи хизматрасонии «Малика»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити дар марказ фароҳамшуда шинос гардида, бо кормандони маҷмааи хизматрасонӣ суҳбати самимӣ анҷом доданд.

Дар коргоҳи нав зиёда аз 20 нафар занону духтарони маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ таъмин шуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки иншооти нав дар доираи нақшаи ҷорабиниҳо бахшида ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ ва истиқболи сазовори 30-юмин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Шарифҷон Раҳмонбердиев бунёд гардида, аз ду ошёна иборат мебошад. Дар ошёнаи аввали марказ хизматрасонӣ сехи дӯзандагӣ ҷой дода шуда, бо дастгоҳу таҷҳизоти муосири дӯзандагӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ таъмин гардидааст.

Дар коргоҳ мутобиқ ба меъёрҳои мавҷуда ҷиҳати омода намудани маҳсулоти хушсифати ватанӣ шароити хуби корӣ фароҳам аст.

Тибқи маълумоти масъулин, дар як сол коргоҳ имкон дорад, ки бештар аз 10 ҳазор маҷмӯи либоси ягонаи мактабӣ, корӣ ва барои бонувон номгӯи зиёди либоси миллиро бо сатҳу сифати баланд истеҳсол намояд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дӯхти босифати либоси ягонаи мактабию корӣ, пурра таъмин кардани бозор аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва коҳиш додани воридоти он аз хориҷи мамлакат ба масъулин дастуру супориш доданд.

Дар ошёнаи дуюми Маҷмааи хизматрасонии «Малика» тарабхона барои 100 ҷои нишаст бунёд гардида, барои гузаронидани базму ҷорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ мутобиқ аст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми бунёдкоронаи соҳибкорро намунаи ибрат ба боиси дастгирӣ арзёбӣ намуданд.

Дар ҳамон ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кӯдакони аз оилаҳои камбизоат ва ятимон мулоқот намуда, ба 100 кӯдаки ятим аз шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Айнӣ, Истаравшан ва Деваштич тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим карданд.

**15-уми ноябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистон бинои иловагии Маркази табобатию солимгардонии «Соҳил»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Он аз тарафи соҳибкори ватанӣ Абдулло Абдуллоев таъсис ёфта, аз се ошёна иборат аст.

Шумораи кормандони Маркази табобатию солимгардонии «Соҳил» 30 нафар буд, акнун бо бунёди бинои нав он ба 45 кас расид. Дар бинои нави иловагӣ 15 ҳуҷраи табобатӣ таъсис ёфта, он бо таҷҳизоти замонавӣ, аз қабили фитобочка, барокамера, озонотерапия, карбоситерапия ва табобати зарбавӣ - мавҷӣ (УВТ) муҷаҳҳаз гардидааст.

Таҷҳизоти муосири тиббӣ асосан аз Федератсияи Россия ворид шудааст. Айни ҳол дар маркази табобатию солимгардонӣ зиёда аз 35 навъи табобат бо истифода аз таҷҳизоти замонавӣ ба роҳ монда шудааст.

Марҳилаи аввали Маркази табобатию солимгардонии «Соҳил» соли 2010-ум бо 70 ҳуҷраи хоб ва аз 7 то 10 навъи табобат ташкил шуд. Соли 2017 бинои иловагӣ дорои 60 ҳуҷраи хоб ба истифода дода шуда, навъи табобат бошад, аз 10 то 25 зиёд гардид.

Баъди ифтитоҳи бинои нав ва шиносоӣ бо шароити табобату солимгардонӣ дар он Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба идомаи созандаи соҳибкорони ватанӣ баҳои баланд доданд.

**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Гулистон, инчунин, коргоҳи дӯзандагии «Маҳина» - ро мавриди истифода қарор доданд, ки аз ҷониби соҳибкорзани ватанӣ Ҷаннатой Абдалиева дар доираи тадбирҳои созандагӣ бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ таъсис дода шудааст.**

Коргоҳи дуошёна дорои 30 дастгоҳи замонавӣ буда, коргарон бо истифода аз онҳо либоси ягонаи мактабӣ, корӣ, ҳарбӣ, номгӯи гуногуни либосҳои мардона ва занона медӯзанд.

Дар коргоҳ 30 нафар занону духтарони маҳаллӣ, ки аз курси омӯзишии дӯзандагӣ гузаштаанд, ба кор ҷалб гардида, ҳамарӯза 50 ҷуфт сарулибоси гуногун медӯзанд.

Маҳсулоти коргоҳ дар баробари таъмини фармоиш, ҳамчунин ба дигар бозорҳои кишвар, аз ҷумла шаҳри Душанбе, интиқол дода мешавад.

Дар ошёнаи дуюми иншоот марказҳои хизматрасонӣ, аз қабили дӯзандагӣ, чеварӣ, пойафзолдӯзӣ, пухтупаз ва дигар касбҳои серталаб дар бозори меҳнат ба роҳ монда шудааст. Синфхонаҳои дарсии маркази ҳунаромӯзӣ бо шароити хуб таъмин мебошанд.

Марказ, инчунин, имкон дорад, ки ҷавонони бе шуғлро ба курсҳои аз 3 то 6 - моҳа ҷалб намояд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо фаъолияти коргоҳ, ба соҳибкорзани ватандӯст ҷиҳати таъсиси чунин коргоҳ, муҳайё сохтани ҷойҳои нави кор ва бо сифати хуб ба роҳ мондани истеҳсоли сарулибоси гуногуни ватанӣ баҳои арзанда доданд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, коргоҳи пойафзолбарории «Маҳина»-ро дар шаҳри Гулистон мавриди истифода қарор доданд.**

Он низ аз ҷониби соҳибкорзани ватанӣ Ҷаннатой Абдалиева дар доираи эълон гардидани солҳои 2022-2026 ҳамчун «Солҳои рушди саноат» бунёд гардид. Коргоҳ дорои 13 дастгоҳи истеҳсолӣ мебошад, ки аз хориҷи кишвар оварда, шудааст. Тавассути дастгоҳҳо дар як рӯз зиёда аз 300 ҷуфт пойафзоли чармӣ истеҳсол мешавад.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани коргоҳи пойафзолбарории «Маҳина» бештар аз 20 сокини маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин гардид.

Ашёи хом дар шакли чарм аз хориҷи мамлакат ворид гардида, бо истифода аз технологияи муосир ва дастӣ 20 навъи пойафзоли кӯдакона, мардонаву занона ва ҳарбӣ дӯхта мешавад.

Ҳангоми шиносоӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҳсулоти истеҳсолшуда таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, роҳбарият ва мутахассисони коргоҳро барои афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва ба ин восита саҳмгузорӣ дар истеҳсоли ҳар чӣ бештари маҳсулоти ивазкунандаи воридот ҳидоят намуданд.

Соҳибкорзан бо ҷонибдорӣ аз сиёсати иқтисодии роҳбарияти олии Давлату Ҳукумати мамлакат нақша дорад, ки то ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ бо бунёди бинои нави коргоҳи истеҳсоли ашёи хом, ҳаҷми истеҳсолот ва шумораи ҷойҳои корро зиёд намояд.

Иттилоъ дода шуд, ки коргоҳи мазкур дар шаҳри саноатии Гулистон аввалин ба шумор рафта, маҳсулоти он ба бозорҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ интиқол дода мешавад.

Дар ҳамон ҷо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намоиши маҳсулоти истеҳсолии коргоҳи дӯзандагӣ ва пойафзолбарориро, ки дар маҷмӯъ 50 навъро дар бар мегирад, аз назар гузарониданд.

Таъкид гардид, ки барои таъмини бозори дохилӣ бо пойафзоли чармӣ ва истеҳсоли сарулибоси гуногун дар мамлакат шароиту имконияти мусоид мавҷуд аст ва соҳибкорону сармоягузорон бо истифода аз дастгириҳои Ҳукумати мамлакат коргоҳу корхонаҳои нав таъсис дода, дар рушди иқтисоди мамлакат ва беҳтар шудани шароити зиндагии аҳолӣ саҳм гузоранд.

**www.president.tj**

# НАҶОТБАХШУ САРПАРАСТИ ВОҚЕИИ МИЛЛАТ

(Идома аз саҳ. 1)

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ ёдовар шуд, ки дар аксар санадҳои тақдирсоз Президенти мамлакат на фақат ҳамчун Роҳбари давлат имзо кардаанд, балки дар зарурати таҳия ва қабули онҳо, мукаммал намудани маъниву мазмуни онҳо саҳми босазо гузоштанд.

- Нахустин қонунҳои миллӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи



масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» бо ташаббуси Президенти мамлакат қабул шуданд. Тадбирҳоеро, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ташаккули миллат, таҳкими истиқлолият, рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистон дар аксар самтҳо кардаанд, беназиранд. Мо масъулияти азимро ба уҳда дорем ва ин рисолати бузург дар эҳтиром ва қадршиносии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, - гуфт Дилрабо Мансурӣ.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфиқор Гулаҳмадзода иброз дошт, ки мо дар тӯли зиёда аз ҳазор сол ҳунари давлатдориву давлатсозиро



фаромӯш насохтем, чунки дар ҳастии миллати мо ин қобилият нуҳуфтааст. Ин миллат роҳнамо, роҳбар, роҳкушо ва тоҷдору тоҷбасар буд, ҳаст ва мемонад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷаҳониён намунаи беҳтарини давлатдорию давлатсозӣ ва сулҳофарию ваҳдатсолориро пешниҳод намуданд. Пешвои миллат комилан исбот намуданд, ки мо таърихан ва табиатан соҳибдавлатем ва таҷрибаи давлатдориву давлатсозие дорем, ки дар сиришти мо нуҳуфтааст. Роҳи сиёсату давлатдорие, ки дар се даҳсола паймудем, роҳи садсола аст.

- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бе муболиға офтоби бахти тоҷикони рӯи дунё гардиданд. Эътибор ва нуфузи ин шахсият дар арсаи байналмилалӣ маълуму машҳур аст. Рӯзи Президент рӯзи қадршиносӣ ба заҳматҳои Эмомалӣ Раҳмон аст ва ин қадршиносиҳо обрӯи худи мост,- афзуд Зулфиқор Гулаҳмадзода.

Номбурда зикр кард, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо неруи хирад на танҳо фирориёни ҷанги шаҳрвандиро ба Ватан баргардонданд, балки нобиғаҳои садсола муқаддам ба ғурбатафтодаи миллатро соҳибӣ намуда, номҳояшонро эҳё намуданд. Ҷавононро аз майдони ҷанг ба саҳни донишгоҳу донишкадаҳо даъват карда, дастҳояшонро аз яроқу хун пок намуда, ба ҷои он дафтару хомаю китоб доданд.

- Воқеан, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари Президенти мамлакат будан омӯзгорест, ки дар ҳар самте набошад, дарси волои инсонӣ медиҳанд, шахсияти барҷастаест, ки ба миллати тоҷик ва бахусус насли ҷавон, ҳамвора панд дода, ватандорӣ, ахлоқ, мардонагӣ ва таҳаммулгароиро меомӯзонанд. Суханҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳикматанд. Дар онҳо сабурӣ, ботамкинӣ, ҷавонмардӣ, хирадпешагӣ ва фарҳанги олиро мебинем, ки барои ҳар фарди тоҷик мактаби омӯзиш аст. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо барои миллати тоҷик, балки ба сиёсатмадорони дунё мактаби сулҳофариро бунёд ва пешниҳод менамоянд,- хулоса намуд Зулфиқор Гулаҳмадзода.



Гавҳар Шарофзода узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон зикр намуд, ки тӯли 31 соли марҳилаҳои пурпечутоби таърихи навини халқи тоҷик Тоҷикистон ба кишвари аз нигоҳи иқтисодӣ рушдёбанда табдил ёфта, кафили ин рушди босубот Президенти он мебошад.

Аз ин рӯ, мардуми шарафманди тоҷик ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо муҳаббат ва самимияти хос бо иборахои маҳбуб, муаззам, азиз, меҳрубон ва мардумӣ муроҷиат карда, армон ва орзуву омоли хешро иброз медоранд.

- Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон ба сарзамине мубаддал гашта буд, ки гӯё бори дигар муғули хунхор ба ин сарзамини бостонӣ сар задаву онро ба хоку хун ғарқ кардааст. Мардум пароканда, гуреза дар мулки Афғонистон гашта, сарзамин дар коми оташ афтода, ба қисматҳо пора гардида, зану фарзандони аксар хонадон бесарпаноҳ монда буданд. Зиёда аз 150 ҳазор нафар дар ин ҷанг фавтида, 55 ҳазор нафар ятими кулл гардида, зиёда аз як миллион нафар бесарпаноҳ монда, дар хоки Афғонистон рӯ ба раҳми Худованд буданд,- гуфт Гавҳар Шарофзода.

Барои сарҷамъ кардани мардуми саргаштаи мулки порагаштаи диёр бояд нафаре ба ин майдони нангу номус меомаду ҳамаро оқилонаву орифона сарҷамъ мекард. Дар он замони хеле ҳассосу ноумедиҳо, сарсониҳову саргардониҳо ва пуртуғёну парокандагиҳо ба майдон нафаре чилои нангу номуси хешро ба ҳамватанон ошно сохта, сарҷамъии мардумро бар уҳда гирифт.

Ин ҷавонмарди бонангу номус, сарсупурда, нотарсу далер, ватанпарвару ватандор, саршор аз меҳри Ватану сарзамин, ҷавони баору номус ва ба қавли худ устувор муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд.

- Мушоҳидакорон тасаввур карда наметавонистанд, ки ин ҷавони чилсола, аз решапайванди шоҳмардони бузурги аҳли Хуросон асту дар ҳастии худ мактаби бузурги Исмоили Сомониро аз ниёгон ба мерос дорад. Таҳлилҳо нишон додаанд, ки асри X барои миллати барӯманди мо асри тиллоӣ буда, аз шакли идора намудани давлат ва тарбияи фарзандони фарзонаи миллат дар рӯҳи дӯстдории марзу бум ва миллатҳо ҷаҳонӣ гашт. Пас аз ҳазор сол Худованд аз ин сарзамин фарзонамардеро ба ин миллати сарбаланду барӯманд тақдим кардааст, ки ӯ тавонист мардуми шарифашро сарҷамъ намуда, ваҳдат биофараду истиқлолиятро дар кишвар пойдор нигоҳ бидорад, - афзуд Гавҳар Шарофзода.

Дар назди ҳозирин, ҳамчунин, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Файзалӣ Идизода ва вакили Маҷлиси намояндагон Муҳамадулло Шерализода доир ба ҷоннисориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ карданд.

Ҳамоишро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷамъбаст намуда, изҳор дошт, ки Роҳбари мамлакат интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мардуми дар он вазъ ташнаи сулҳу оромӣ фоли нек дониста, дар симои ӯ наҷотбахшу сарпарасти воқеии миллатро дарёфтанд.

Иқдоми нахустини Пешвои миллат дар ин мансаб аз эҳё ва ҷоннок кардани ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ сар карда, аз марказ то маҳалҳо ибтидо гирифт. Ин имконият фароҳам овард, ки гурӯҳҳои гуногуни сиёсӣ дар қаламрави кишвар давлатро ҳамчун қувваи ягонаи танзимкунандаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва таҳкими сулҳу амният эътироф намоянд.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР РУШДИ СОҲАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ МАМЛАКАТ

**Тайёр кардани кадрҳои миллии соҳаи хизмати давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд: «Давлатдории муосир талаб менамояд, ки дастгоҳи идоракунии давлат самаранок, мунтазам ва бо низом кору фаъолият намояд. Маҳз ҳайати салоҳиятманд ва масъули хизматчиёни давлатӣ метавонанд падидаҳои бухрониро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар марҳилаи гузариш ба осонӣ ҳал кунанд».**

Мутаассифона, дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ дар бахшҳои алоҳидаи хизмати давлатӣ, аз ҷумла хизмати давлатии шаҳрвандӣ ва хизмати давлатии ҳарбӣ, мутахассисон намерасиданд. Бо мақсади бартараф кардани мушкилоти мавҷуда, бо ибтикори Президенти мамлакат ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассисони соҳаи хизмати давлатӣ дар Академияи хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия, Академияи дипломатии ВКХ Федератсияи Россия, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҳарбии Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ҳиндустон, Хитой ва дигар давлатҳо омода гардида, ба хизмати давлатӣ дар Ватан ҷалб шуданд.

Танзими муносибатҳои марбут ба хизмати давлатӣ дар давраи истиқлолияти давлатӣ дар шароити барои мамлакат ниҳоят душвор тарҳрезӣ шудааст. Тавре Сарвари давлат қайд намуданд: «Хизмати давлатии навини Тоҷикистон зодаи замони истиқлолият мебошад, ки дар шароити басо ногувори таърихи миллат оғоз гардида, марҳила ба марҳила нумӯъ ёфта истодааст». Дар баробари танзими муносибатҳои ҷамъиятии замони истиқлолияти давлатӣ, масъалаи хизмати давлатӣ низ ҳамчун мубрамтарин масъалаи вақт ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 асос мeёбад. Дар моддаи 27-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд гардидааст: «Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд». Ҷиҳати танзими муносибатҳо дар самти хизмати давлатӣ бори нахуст бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 13-уми ноябри соли 1998 қабул гардид. Қонуни мазкур баъдан 5-уми марти соли 2007 дар таҳрири нав қабул гардида, ба ташаккул ва рушди хизмати давлатӣ дар мамлакат заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард. Бо мақсади танзими пурраи муносибатҳо дар самти мазкур марҳила ба марҳила Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» аз 2-юми декабри соли 2002, баъдан 31-уми декабри соли 2014 дар таҳрири нав қабул гардид. Ҳамчунин, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳо вобаста ба ташкил ва баргузории озмунҳо, қабул ба хизмати давлатӣ, аттестатсияҳо, кор бо захираи кадрҳо, баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ, ҷойивазкунии кадрҳо ва ғайраҳо қабул гардида, дар маҷмӯъ аз нигоҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои зерқонунӣ муносибати мазкур пурра ба танзим дароварда шудааст.

Дар ин марҳила зарурати таъсиси мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ба вуҷуд омад ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми феврали соли 2001 таҳти №479 Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Бо назардошти қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав аз 5-уми марти соли 2007, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми июни соли 2007 таҳти №264 Низомномаи нав, сохтор ва воҳидҳои кории Раёсати хизмати давлатӣ такмил дода шуд. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми ноябри соли 2013 таҳти №12 Раёсати хизмати давлатӣ ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Инчунин, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми марти соли 2014 таҳти №179 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид. Тибқи низомномаи мазкур, агентӣ сиёсати ягонаи давлатӣ ва батанзимдарории меъёрҳои ҳуқуқиро дар соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ менамояд.

Бо мақсади такмили ихтисос ва баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми октябри соли 2002 таҳти № 926 дар назди Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар таҳрири нав қабул гардида, тибқи муқаррароти моддаи 19- уми он, тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар асоси фармоиши давлатӣ, инчунин талаботи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Густариши муносибатҳои ҷамъиятӣ, талаботи замона ва рушди низоми идоракунии давлат дар ҷодаҳои гуногун собит сохт, ки бо ташкили курсҳои такмили ихтисос дар заминаи донишкада тайёр намудани мутахассисони соҳаи хизмати давлатӣ нокифоя аст.

Бо мақсади ба талаботи замон мутобиқ гардонидан ва тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси хизмати давлатӣ, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми августи соли 2013 таҳти №1502 дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд. Моҳи сентябри соли 2019 дар маросими ифтитоҳи бинои нави таълимию маъмурии донишкада муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуданд: «Барои таъмин намудани пешрафти бонизоми давлати миллӣ мо ба кадрҳои баландихтисоси соҳаи идоракунӣ ва хизмати давлатӣ ниёз дорем. Аз ин рӯ, мо бештар ба тарбияи кадрҳои сатҳи байналмилалӣ, ки дорои ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқи касбӣ, қобилияти баланди ташкилотчигӣ ва забондон бошанд, эътибори аввалиндараҷа медиҳем. Мо бояд кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, мутахассисони дорои сатҳи баланди касбӣ ва кормандони ватандӯсту масъулиятшиносро омода намоем. Ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос, афзудани неруи зеҳнӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар хизмати давлатӣ, инчунин, таҳлили илмии сифат ва самаранокии идоракунӣ ва хизмати давлатӣ зарурати баланд бардоштани мақоми ин муассиса ба миён омадааст».

Дар ҳамин замина, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми феврали соли 2020 таҳти №1463 Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» табдил дода шуда, ҳамчун муассисаи маркази таълимии тарбияи кадрҳои соҳаи хизмати давлатӣ фаъолият карда истодааст.

Шурӯъ аз оғози фаъолият дар соли 2004 то ба ҳол дар академия беш аз 25 ҳазор нафар хизматчии давлатии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳамчунин, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот сатҳи дониш ва ихтисоси худро такмил додаанд.

Механизми дигари тарбияи кадрҳои хизмати давлатӣ ин Муассисаи давлатии «Маркази таълимии занон ба номи «Сарвар»-и назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Муассисаи мазкур бо дастгирии шарикони рушд соли 1998 таъсис ёфта, мақсади асосии он ба духтарони тибқи Квотаи президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохилгардида ва болаёқати мамлакат тадрис намудани маҳорату малакаи роҳбарӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, тафаккури илмӣ ва ташкилотчигии онҳо ва ғайра мебошад. Яъне, дар баробари дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат таҳсил намудани ин қабил духтарон ба онҳо иловатан маҳорати роҳбарӣ, ташкилотчигӣ, забондонӣ ва истифодаи компютеру дигар таҷҳизоти муосир омӯзонида мешавад.



Ба ғайр аз ин дар заминаи вазорату идораҳо ҷиҳати такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ сохторҳои гуногун ба фаъолият шурӯъ намуданд.Чунончи, Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар баробари қабули санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳа, механизмҳои марбута ва муассисаҳои таълимии тарбияи кадрҳо, қариб ҳар сол аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи чораҳо ҷиҳати баланд бардоштани вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ, аз қабили баланд бардоштани маоши вазифавӣ, бо манзили истиқоматӣ таъмин намудан, бунёди истироҳатгоҳҳо барои онҳо андешида мешавад.

Ҳамин тариқ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори соҳаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи ӯ санадҳои меъёрии соҳа таҳия ва қабул гардида, мақоми ваколатдори давлатӣ таъсис, муассисаҳои илмиву таълимӣ ва таҷрибавии соҳа ташкил ва такмил дода шуданд. Баробарии занону мардон дар ин самт марҳила ба марҳила таъмин гардида, айни ҳол ҷавонгардонии хизматчиёни давлатӣ дар ҷараён мебошад. Эҳтиёҷоти мамлакат бо кадрҳои баландихтисосу ватандӯст, ташкилотчиву забондон таъмин гардида, барои баланд бардоштани шароити иқтисодиву иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ чораҳои муассир андешида шуд.

**Файзалӣ ИДИЗОДА,**
**раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412454 | Раёсати молиявӣ-иқтисодии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Медалҳо ва нишони сарисинагӣ | Харид аз як манбаъ | Мол | 5 | 14.11.2022 14:00:00 |
| 2 | 412464 | Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Либосҳои махсуси корӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 21.11.2022 14:15:00 |
| 3 | 412467 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории толори маҷлисгоҳ, утоқҳои корӣ ва ҳудуди бинои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.11.2022 15:30:00 |
| 4 | 412447 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 01.12.2022 15:00:30 |
| 5 | 412449 | Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтари вилояти Хатлон | Идомаи сохтмони синфхонаҳои таълимӣ, озмоишӣ ва табобатӣ дар Коллеҷи тиббии шаҳри Бохтар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 01.12.2022 16:05:35 |
| 6 | 412451 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангу фароғатии ба номи Абулқосими Фирдавсӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гулҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 01.12.2022 16:43:01 |
| 7 | 412452 | МД «Нигоҳдошти боғу гулгашт, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон» дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Пиёзаки гули лола ва белҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 01.12.2022 16:47:05 |
| 8 | 412453 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ» | Картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 01.12.2022 17:52:00 |
| 9 | 412456 | Муассисаи давлатии таҳсили томактабии кӯдакистони №4 ба номи «Афсона»-и шаҳри Бӯстон | Маводи челонгарӣ, насосҳо, деги гармидиҳӣ ва маводи барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 02.12.2022 09:45:00 |
| 10 | 412455 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод | Сохтмони бинои шуъбаи минтақавии мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Нуробод | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.12.2022 10:40:23 |
| 11 | 412458 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони рӯҳӣ»-и ноҳияи Ҷ. Расулов | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 02.12.2022 10:45:00 |
| 12 | 412459 | Муассисаи давлатии «Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ»- и ноҳияи Б. Ғафуров | Маводи хоҷагидорӣ, қисми эҳтиётӣ ва баннер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 02.12.2022 11:30:00 |
| 13 | 412460 | Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарӣ | Креслои стоматологӣ, таҷҳизот ва лавозимоти тиббӣ, телевизор, кулер, аквариум ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 02.12.2022 11:55:00 |
| 14 | 412461 | Муассисаи давлатии «Маркази микроҷарроҳии чашми вилояти Суғд» | Таҷҳизот ва маҷмӯи асбобу лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 02.12.2022 12:10:00 |
| 15 | 412462 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар вилояти Хатлон | Таъмири ҷории Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар вилояти Хатлон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.12.2022 13:05:35 |
| 16 | 412465 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии тиббию генетикӣ» | Реагентҳо ва тестҳои лабораторӣ, инчунин молҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 02.12.2022 15:00:00 |
| 17 | 412466 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Асфалти гарми майдадона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 02.12.2022 15:10:00 |
| 18 | 412473 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб» | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.11.2022 16:02:29 |
| 19 | 412472 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №7»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 21.11.2022 17:10:00 |
| 20 | 412488 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои таъмирӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.11.2022 10:00:00 |
| 21 | 412497 | Маркази саломатии ноҳияи Файзобод | Таъмири бино ва сохтмони мошинхона дар маркази саломатии ноҳияи Файзобод | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 24.11.2022 11:30:00 |
| 22 | 412470 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №2 | Гузаронидани системаи гармидиҳӣ дар бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.12.2022 15:30:00 |
| 23 | 412450 | Мактаб - интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявии ба номи Миратулло Атоев | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, рахти хоб, барқӣ ва масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 65 | 02.12.2022 16:10:13 |
| 24 | 412457 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 02.12.2022 16:15:54 |
| 25 | 412474 | Муассисаи давлатии «Боғи ҳайвонот»-и шаҳри Душанбе» | Алафҳои пресскардашуда, хӯроки омехта ва ғалладона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 02.12.2022 16:30:00 |
| 26 | 412475 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент | Нақлиёти тамғаи «Honda CR-V» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 02.12.2022 16:30:00 |
| 27 | 412476 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панчакент | Курсиҳои мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 02.12.2022 16:35:00 |
| 28 | 412477 | Муассисаи давлатии «Сарраёсати ободонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ» - и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Гулҳои шукуфтаи ҳолландӣ, гули карамгул ва гули хризантема | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 02.12.2022 16:40:00 |
| 29 | 412478 | Шуъбаи фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент | Дарахти декоративӣ ва гулҳои декоративӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 02.12.2022 16:50:00 |
| 30 | 412479 | Кумитаи ҳифзи табиати шаҳри Панҷакент | Мошинаи партовкашон ва қуттиҳои партов | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 02.12.2022 17:10:00 |
| 31 | 412480 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони хонаи истиқоматии 9-ошёнагии 45-ҳуҷрадор дар маҳаллаи 8-уми шаҳри Хуҷанд (насби лифт) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.12.2022 17:10:10 |
| 32 | 412481 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ барои ҳайати шахсии маркази иттилоотӣ, шуъбаҳои тафтишот ва таҳқиқи дастгоҳи Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд (насби дарҳои чӯбини то 3 м² ба масоҳати 147 м², насби дарҳои чӯбини зиёда аз 3 м² ба масоҳати 16 м²) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 02.12.2022 17:30:00 |
| 33 | 412482 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказии ба номи И. Ҳасанов»-и ноҳияи Ашт | Дастгоҳи тиббӣ (электрокоагулятор) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 02.12.2022 17:30:00 |
| 34 | 412483 | Беморхонаи марказии ба номи И. Юлдошеви ноҳияи Деваштич | Доруворӣ, гипохлориди калсий ва молҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 222 | 02.12.2022 17:40:00 |
| 35 | 412484 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 86 | 02.12.2022 17:55:00 |
| 36 | 412485 | Маркази саломатии №3-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири утоқи корӣ ва васлу насби дару тирезаҳои марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.12.2022 08:40:00 |
| 37 | 412486 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №6-и шаҳри Конибодом | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 05.12.2022 08:50:00 |
| 38 | 412487 | Муассисаи давлатии вилоятии рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» | Коғази рӯзномавӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.12.2022 08:55:00 |
| 39 | 412489 | Беморхонаи клиникавии №1-и шаҳри Хуҷанд | Жалюзӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.12.2022 10:05:00 |
| 40 | 412496 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Молҳои сантехникӣ, таҷҳизоти барқӣ, кабел, машъали дастӣ, либоси махсуси корӣ ва пойафзол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 57 | 05.12.2022 11:15:00 |
| 41 | 412490 | Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки саноативу содиротии Тоҷикистон «Саноатсодиротбонк» | Истеҳсоли тақвим, рӯзнома, дафтар, қалам, ҷузвдон (сумка), хушбӯйкунандаҳо (ароматизатор) ва комплекти ВИП | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 05.12.2022 11:30:00 |
| 42 | 412499 | Муассисаи давлатии «Маркази вилоятии бемориҳои сил»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Таҷҳизоти барқӣ ва маишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 05.12.2022 11:40:35 |
| 43 | 412500 | Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯшониён | Таъмири ҷории шуъбаи маориф | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.12.2022 11:45:20 |
| 44 | 412491 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ноутбук, моноблок, компютери шахсӣ, коғази корӣ ва молҳои чопӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 05.12.2022 14:00:00 |
| 45 | 412492 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алюминсохтмон» | Масолеҳи сохтмонӣ, қисмҳои эҳтиётии техникаи махсус, шинаҳои кишоварзӣ, роликҳои конвейер ва тасмаҳои конвейерӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 05.12.2022 14:00:00 |
| 46 | 412498 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод | Таъмири ҷории хати оби нӯшокии Сари Қош - Дарбанди ноҳияи Нуробод (корҳои таъмирӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.12.2022 14:20:39 |
| 47 | 412503 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард»-и ноҳияи Нуробод | Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 05.12.2022 14:36:56 |
| 48 | 412502 | Муассисаи давлатии « Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим»-и шаҳри Кӯлоб | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 05.12.2022 16:31:05 |
| 49 | 412501 | Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев | Таъмири ҷории бинои донишгоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 06.12.2022 16:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ (ПУТ)

**Проект экстренного реагирования на коронавирусную инфекцию COVID-19 в Республике Таджикистан; Грант№: D962-TJ; Экстренная распечатка материалов**
**связанных с вакцинацией и иммунизацией от COVID-19**
**Номер НКТ: №TEC-19/D962/RFB/AF3/2022/004**

1. Правительство Республики Таджикистан получило Дополнительное финансирование от Всемирного банка в счёт стоимости Проекта экстренного реагирования на коронавирусную инфекцию COVID-19 в Республике Таджикистан и намерено использовать часть средств этого Гранта для осуществления платежей по Контракту на экстренную распечатку материалов связанных с вакцинацией и иммунизацией от COVID-19, №TEC-19/D962/RFB/AF3/2022/004.

2. Конкурсные торги будут проводиться методом национальных конкурсных торгов (NCB) в соответствии с Руководством Всемирного банка: от 1 июля 2016 года (пересмотрено в ноябре 2017 года и августе 2018 года), и открыты для всех правомочных участников торгов в соответствии с тем, что определено в «Руководстве по закупкам». Кроме того, просьба обращаться к параграфам 1.6 и 1.7, где изложена политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

3. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить полный комплект тендерной документации бесплатно (с учётом критериев отбора) по нижеследующему адресу:

**Для получения информации:**

Проект экстренного реагирования на коронавирусную инфекцию COVID-19 в Республике Таджикистан, 3 этаж, 19 кабинет, ул. Л. Шерали - 3.
734003, Душанбе/Таджикистан
E-mail: procurement@tec-19.com

**Для подачи конкурсных предложений:**

Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан
ул. Шотемура - 27.
Ящик для подачи тендерных документов №1
734000, Душанбе/Таджикистан

4. Конкурсные предложения должны быть доставлены по следующему адресу:

**Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура - 27, ящик для подачи тендерных документов №1 до 6 декабря 2022 г., $14^{00}$ по местному времени.**

Подача конкурсных предложений в электронном виде не допускается. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются. Вскрытие конвертов с конкурсными предложениями состоится в присутствии представителей участников торгов, которые пожелают присутствовать при вскрытии лично по адресу:

**Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан, ул. Шотемура - 27, кабинет № 9, 6 декабря 2022г. в $14^{15}$ по местному времени.**

5. Заявки должны сопровождаться банковской гарантией конкурсного предложения в размере 42 000,00 сомони или эквивалентная сумма в любой конвертируемой валюте.

## ЭЪЛОН!

ҶДММ «Серена 1» (РМА 020047096, РЯМ 0210023101) бинобар пардохт нашудани сармояи оинномавиаш онро аз 62500 сомонӣ то 37500 сомонӣ кам карда, ҳаҷми умумиашро 25000 сомонӣ муқаррар менамояд.

## МУКОФОТ ИНТИЗОР!

Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ №0911587, ки онро муассисаи таълимии хусусии «Абдураҳмони Ҷомӣ»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 29-уми июни соли 2021 ба Каюмова Сабина Олимхоновна додааст, гум шудааст.

Касоне, ки онро ёфта бармегардонанд, мукофот интизор аст. Телефон: 93-191-40-40.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестат дар бораи таҳсилоти миёнаи нопурраи гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Сангвор соли 2008 ба Ҳанифамоҳи Шокир додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти №451-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён 31-уми марти соли 2012 ба Яхшиев Юнус Алмардонович (РЯМ 3230036746) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати №243787-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4 -и ноҳияи Нуробод соли 2006 ба Восиев Маҳмадсаид Илҳомуддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии № 25010400-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2019 ба Нозимов Умедҷон Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии тахти феҳристи 683-и гумшуда, ки онро Корхонаи фаръии бақайдгирии техникии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Сомон-1, ҳавлии №650 соли 2022 ба Сафаров Мирзо додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти №0411055-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 12-уми ноябри соли 2019 ба Воҳидов Абдуҳомид Қодирович (РЯМ 603148649) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон соли 2020 ба Атоев Саймуҳиддин Рустамхонович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 1033576-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и шаҳри Душанбе соли 2022 ба Фозиллов Алиҷон Шоҳалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми интернатура аз рӯи ихтисоси акушерӣ ва гинекологӣ, ки онро кафедраи акушерӣ ва гинекологии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои давраи аз 1-уми августи соли 1983 то 1-уми августи соли 1984 ба Умарова Мавлюда Хайрудиновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи боркунаки тамғаи GLJ 855H (рақами заводиаш - 20311843, рақами муҳаррикаш – 90133870), ки онро Назорати давлатии техникии минтақаи Кӯлоб ба ҶҶИ «Файзобод»-и шаҳри Кӯлоб додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ғаюров Аҳлиддин Ҷамолиддинович (РЯМ 0130130706, РМА 145705446) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи № 000716-и гумшуда, ки онро Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони тибби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми июни соли 1999 ба Раҳимова Парвина додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи РБ №13155-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон 18-уми июли соли 2021 ба Мардоалиева Фарангис Назаралиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи КХ №72616-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2013 ба Нуралиев Ёқубджон Рахматович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЧТ № 0014310-и гумшуда, ки онро Литсейи касбии информатсия ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе таҳти қайди №50 соли 2008 ба Нуралиев Ёқубҷон Раҳматович додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси КВД «Рonанда», (РМА 040011388, РЯМ 0410006850)-и Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро соли 2010 Нозироти андози ноҳияи Сино додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Муассисаи хусусии таълимии томактабии «Ясмина 2015» (РЯМ 0310016988), ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии №0266839 мебошад, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Парвози Шоҳин» (РЯМ 0110025997) фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва маводи мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияи минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17-уми марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 15 ноябри соли 2022, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33410 нусха

Навбатдори шумора
А. Мирзозода

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров